**Маълумоти мухтасар доир ба забони форсӣ**

**ва аҳамияти он**

Аз асри VIII то солҳои сиюми асри XX тамоми осори хаттии тоҷикон бо алифбои арабӣ сабт гардидааст. То алифбои арабӣ осори хаттии аҷдодони мо бо алифбоҳои мехӣ, оромӣ (паҳлавӣ) навишта шудааст.

Алифбои форсӣ аз 32 ҳарф иборат буда, барои омӯхтан душвориҳои зиёде дорад, зеро дар ин алифбо як ҳарф метавонад якчанд овозро ифода кунад: ا *(алиф),* و *(вов),* ی *(йо);* садонокҳои кӯтоҳ дар мобайни калима навищта намешаванд: شتر *(шутур)*, ки ҳар ду *«у»* навишта намешаванд; тарзи навишти баъзе калимаҳои ҳамреша гуногун аст: چون *(чун),* چنان *(чунон);* як калима (омографҳо) вобаста ба матн чанд хел хонда мешавад: نه *на, неҳ нӯҳ;* آرد *орд, орад;* مرکب *мураккаб, маркаб* ва ғайра.

Барои ифодаи баъзе овозҳои забони тоҷикӣ дар алифбои форсӣ ҳарфҳои даркорӣ набуданд. Тоҷикон ба алифбои арабӣ чаҳор ҳарфи дигар

илова карданд ва миқдори ҳарфҳои алифбои арабиасоси тоҷикӣ бо 32 ҳарф расид. Ин ҳарфҳо پ *(п – пе),* چ *(ч – чим),* ژ *(ж – же)* ва گ *(г – гоф)* мебошанд. Алифбои форсӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Масалан, алифбои форсӣ ҳарфи калон надорад; дар ҷойҳои гуногуни калима (дар аввал, мобайн, охир, дар алоҳидагӣ) ҳарфҳо ё пурра ё қисми аввалашон навишта мешаванд; бо ин алифбо аз рост ба чап менависанд; ҳиҷоҳоро аз сатр ба сатр намегузаронанд.